## АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26.04 с.2017, № 18
тасдиқ карда шудааст

**Махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои Шумо кафолат дода мешавад**

## Дастурамал

## дар бораи тартиб додани ҳисоботи фаврӣ дар бораи гардиши савдо (чакана ва яклухт), таъмиру хизматрасонии техникии автомобилҳо ва гардиши хӯроки умумӣ якҷоя бо хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо аз рӯи шакли №1 – савдо (моҳона - солона)

### I. Нишондодҳои умумӣ

Ҳисоботро шахсони ҳуқуқӣ, қисматҳои ҷудогонаи ҳамаи шаклҳои моликияти онҳо, ки ба савдои чакана, яклухт ва таъмиру хизматрасонии техникии автомбилҳо ва гардиши хӯроки умумӣ якҷоя бо хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо машғуланд, тартиб дода ба мақомоти омори маҳаллии ҷойгирифтаи корхона пешниҳод менамояд.

Ба корхонаҳои савдои чакана инҳо дохил мешаванд; мағозаҳо, хаймаҳо, дӯконҳо, дӯкончаҳои рӯзномафурӯшӣ, дорухонаҳо, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва дигар шабакаҳои савдо; ба корхонаҳои хӯроки умумӣ инҳо дохиланд: тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, ошхоначаҳои тановул (закусочная) бару буфетҳо ва дигар шабакаҳои хӯроки умумӣ.

Гардиши савдои чакана - арзиши моли истеъмолӣ мебошад, ки ба аҳолӣ барои истеъмоли ниҳоӣ ё барои истифодаи рӯзгор фурӯхта шудааст. Инчунин ба гардиши чаканаи мол арзише низ дохил мешавад, ки муассисаҳои савдои чаканаи мол ба ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ (муассисаҳои кӯдакон, табобатгоҳ, истироҳатгоҳ, хонаҳои маъюбон ва ғайра) аз рӯи ҳисоби ғайринақдӣ мефурӯшанд.

Гардиши савдои яклухт – фурӯши молҳо ба фурӯшандагони субъектҳои савдои чакана, корхонаҳои саноатӣ ва дигар субъектҳои яклухт, инчунин шахсони воқеӣ ё намояндагиҳое, ки ба муомилоти молу маҳсулот машғуланд, ифода менамояд.

Хизматҳо оид ба хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобилу мототсиклҳо хизматрасонии техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиётро дар бар мегиранд: таъмиру корҳои механикӣ, барқӣ-техникӣ, таъмири низомҳои тазриқи электронии сӯзишворӣ, муоина ва назорати мунтазам ва таъмири бадана (кузов), қисмҳои эҳтиётӣ барои воситаҳои нақлиёт, шустушӯй, суфта ва сайқал додан ва ғайраҳо, ва рангмолӣ кардан, таъмири ҳамагуна шишаю тирезаҳо, курсиҳои нишаст, таъмири резинҳо (шинҳо) ва камераҳо, бастану ҷо ба ҷо кардан ё иваз кардани онҳо, коркарди зидди занг, ҷо ба ҷо кардани қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобу анҷомҳое, ки ба қисми ҷараёни истеҳсолӣ вобаста нестанд.

Меҳмонхона ва тарабхонаҳо – андозаи пардохтҳо барои истиқомати муваққатӣ дар меҳмонхонаҳо (аз ҷумла маблағи банд кардани ҷой дар меҳмонхонаҳо); пардохт барои истифодаи интернет, алоқаи телефонии байналхалқӣ, бари меҳмонхонаҳо. Фурӯши ғизои тайёр, аз ҷумла коктейлҳо, нӯшокиҳо, бевосита барои истеъмолот дар ҷой.

Дар сатри 01 - гардиши савдои яклухт молгардиши яклухти фурӯши молҳои таъиноти истеҳсолию техникӣ, инчунин фурӯши молҳои истеъмолӣ бо микдори зиёд мебошад, ки дар шакли накдӣ ва ғайринакдӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ фурӯхта мешаванд, нишон дода мешаванд.

- корхонаҳое, ки фаъолияти савдоро тавассути таъмини қарордоди фулузот ва маснуот аз фулузот, маводи чӯбу тахта ва маснуоти онҳо, маҳсулоти маъданӣ ва саноатӣ, маҳсулоти кимиё, мошинолот ва дастгоҳҳо, маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ, маводи сохтмонӣ ва маҳсулоти нафтиро ба фурӯш мебароранд;

- шахсони ҳуқуқӣ, қисматҳои аз онҳо ҷудошуда, ки барои онҳо фаъолияти савдо асосӣ ҳисобида намешавад. Масалан: корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, ки бо молҳои хӯрокворӣ-истеъмолӣ, қисмҳои ҳарбӣ, хонаҳои кӯдакон, мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳоро таъмин менамоянд.

Дар сатри «Гардиши моли чаканаи шабакаи савдо» дохил карда мешавад:

а) фурӯши молҳои озуқа ва ғайриозуқа ба аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва қисматҳои ҷудогонаи онҳо бо ҳисоби накдӣ

б) фурӯши молҳои озуқа ва ғайриозуқа ба ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ: муассисаҳои кӯдакона, муолиҷавӣ, тандурустӣ, профилактикӣ, хонаҳои маъюбону куҳансолон (яклухти хурд) бо ҳисоби ғайринакдӣ.

Ба сатри 03 гардиши чаканаи шабакаи савдо аз ҷумла гардиши фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дохил карда мешавад. Ба ин сатр молгардиши чаканаи тамоми корхонаҳои савдо дохил карда мешавад: иттиҳодияҳои озуқаворӣ,

молҳои омехтаи саноатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, шӯъбаҳои таъминоти коргарон (ШТК).

Дар сатри 04 аз ҳаҷми умумии гардиши моли чакана гардиш оид ба фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ҷудо карда мешавад.

Дар сатри 05 аз ҳаҷми умумии гардиши моли чакана гардиш оид ба фурӯши маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ.

Дар сатри 06 аз ҳаҷми умумии гардиши моли чакана гардиш оид ба фурӯши доруворӣ.

Дар сатри 07 савдо, таъмиру хизматрасонии техникии автомбилҳо мототсиклҳо, қисмҳои эҳтиётии ва лавозимотҳои автомобилӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 08 гардиши хӯроки умумӣ якҷоя бо хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи мухлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти хисоботдиҳанда масъул мебошад.